**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Яке аз вазифаҳои асосии адабиётшиносии муосир таҳқиқи ҳамаҷонибаи робитаҳои адабӣ ва ба ин васила ошноӣ пайдо намудан аз адабиёту фарҳанги аҳли башар ва таҳким бахшидани иртиботи адабӣ миёни халқҳои гуногун мебошад. Тарҷума ва баргардонии осори адабӣ аз ҷумлаи омилҳои асосие, мебошад, ки натанҳо дар муаррифии адабиёту фарҳанг ва санъату ҳунари халқҳои мухталиф, балки дар ташаккулу таҳаввули равобити адабӣ мусоидат менамояд.

Диссертатстияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба таҳқиқу баррасии нақши тарҷума дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона бахшида шудааст.

Дар муқаддаимаи кор аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Тарҷума - воситаи инкишофи бадеии адабиёти тоҷик» унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли аввали боби якум «Аз таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ» номгузорӣ шуда, доир ба мафҳуми тарҷума, таърихи пайдоиш ва рушди он баҳс менамояд.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона» ном дорад. Дар ин бахш муаллиф таъкид медорад, ки муҳаққиқон ва адабиётшиносон шеъри Фарзонаро ба сифати падидаи нодири ҳунар эътироф намуда, дар мавриди ҳунари шоирии ӯ, нуфузи Мавлоно ба шеъри Фарзона, вижагиҳои забон ва тозакориҳои шоир

дар истифодаи мазомини иҷтимоӣ ва ирфонӣ назароти судманд ва ҷолиби таваҷҷуҳро ироа кардаанд. Муҳаққиқ бо далелҳои муътамад собит месозад, ки шуҳрати ҷаҳонии шеърҳои Фарзона аз тарҷумаи ашъори ӯ ба забонҳои дигар низ маншаъ мегирад.

Боби дуюми диссертатсия «Истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус» ном дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар ин қисмати кор намунаи тарҷумаҳо аз ашъори адибони рус, ба монанди Александр Пушкин, Федор Тютчев, Сергей Есенин, Анна Ахматова, Александр Блок ва Марина Светаева, баррасӣ гардидааст.

Боби сеюми рисола «Тарҷумаи ашъори адибони Ғарб ва Шарқ» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби мазкур «Тарҷумаи осори адибони Ғарб дар эҷодиёти Фарзона» унвон гирифта, оид ба вижагиҳои шеърҳои тарҷуманамудаи Фарзона аз ашъори адибони Ғарб баҳс мекунад.

Фасли дуюми боби сеюм «Намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ дар ашъори Фарзона» ном гирифта, доир ба ҷойгоҳи жанри ҳайку дар адабиёти классикии ҷопон маълумот дода, аз ашъори адибони ҷопонӣ намунаҳо тарҷума шудааст. Аз ҷониби муаллиф таъкид шудааст, ки дар ҳайкуҳои ҷопонӣ масъалаҳои иҷтимоӣ, тасвири табиат ва фаслҳои сол бештар ифода ёфтаанд.

Фасли сеюми боби мазкур «Тарҷумаи ашъори Абай Кунанбоев» номгузорӣ шуда, ба ақидаи муаллифи рисола шоири қазоқ тавонистааст аз худ мероси арзишманде боқӣ гузорад, зеро ашъораш пур аз панду андарз ва афкори фалсафист. Забони шоир мураккаб, образнок ва мушкил мебошад. Аз рисола маълум мегардад, ки шеърҳои Абай, ки аз тарафи Фарзона тарҷума шудааст, бо истифодаи тарҷумаҳои мутарҷимони рус Д.Бродский, Ю.Кузнецов, Ю.Нейман, В. Рождественский, С.И.Липкин, М.Дудин рӯйи коғаз омадааст.

Диссертант аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ расида, онҳоро дар 10 банд манзур намудааст.

Дар баробари бартариҳои дар боло зикршуда, кори илмӣ аз баъзе камбудиҳо холӣ нест:

1. Дар боби аввали кор роҷеъ ба тарҷумаи осори адабӣ мухтасар маълумот оварда шуда, моҳияти асосии тарҷумаи бадеӣ тавзеҳи ҳамаҷониба наёфтааст.

2. Дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Албатта, ин ғалатҳо осонислоҳ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши асосии таҳқиқро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маҳмадалиева М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо 44/14
Тел: (+992) 000-99-20-27

Имзои Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновнаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: bsu@mail.ru

16.01. 2024